**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**
**д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б.** ________
**«_2_» __11__ 2023**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021300 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Мусаллам аст, ки таҳлил ва баррасии забоншиносии когнитивӣ ҳамчун яке аз самтҳои босуръат рушдёфтаи забоншиносӣ аҳаммияти беназир касб намудааст. Гарчанде дар ин замина корҳои таҳқиқотӣ дар доираи забонҳои гуногунсохтор амалӣ гардида истода бошанд ҳам, баъзе паҳлӯҳои он равшаниро талаб менамоянд, ки диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ба ин масъала бахшида шудааст.

**Аҳаммияти омӯзишии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки диссертатсияи мазкур ба нокифоя омӯхтани майдони семантикии консепти “**бойигарӣ**” ва “**қашшоқӣ**”, омӯзиши консептосфераи асосии умумифарҳангии муосир бо мақсади таҳлил ва муайян кардани семантикаи ин консепт дар сатҳи миллӣ дар фарҳангҳои гуногуни забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ вобаста аст. Консепти “**бойигарӣ**” ва “**қашшоқӣ**” борҳо мавзуи таҳқиқоти илмии забоншиносӣ гардида бошад ҳам, дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ҳол амиқ омӯхта нашудааст. Мафҳуми “**бойигарӣ**”ва “**қашшоқӣ**” ба дараҷаи сатҳи

зиндагонии инсонӣ дахл дошта, муносибати одамонро дар ҷамъият муайян мекунад.

Маводи эмпирикии таҳқиқотро иқтибос аз сарчашмаҳои лексикографӣ, аз қабили фарҳангҳои тафсирӣ, этимологӣ, синонимӣ, антонимӣ, фразеологӣ, инчунин, фарҳанги зарбулмасалу мақолҳо ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” аз муқаддима, се боб, сездаҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи аҳаммияти омӯзишии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объект, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ ва сохтору ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт» дар бораи масъалаҳои забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон бо фарҳанг, усулҳои дифференсиалии муайян кардани консепт, роҷеъ ба моҳияти тасвири олам, ташаккули забоншиносии когнитивии хориҷиву ватанӣ сухан меравад.

Боби мазкур аз панҷ зербоб иборат аст. Зербоби якум «Забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм» унвон дошта, муҳаққиқ дар он оид ба забоншиносии когнитивии муосир ва ташаккули усулҳои когнитивии омӯзиши забон сухан гуфтааст. Ба андешаи муаллиф “Забоншиносии когнитивӣ маънои воҳидҳоеро, ки таърифи махсуси забонро ифода мекунанд, меомӯзад. Омӯзиши семантикии воҳидҳои забонӣ, ки мафҳумҳоро объективӣ мекунанд, имконият медиҳад, ки мундариҷаи мафҳумҳо ҳамчун воҳиди равонӣ дастрас шаванд (саҳ.17).

Ҳамчунин, муқаққиқ аҳаммияти хоси забоншиносии когнитивиро мавриди баррасӣ қарор дода, хусусиятҳои онро нишон додааст, ки

бартарии диссертатсияи мазкур маҳсуб меёбад (саҳ. 20). Дар зербоби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба консепт низ дода шуда, нуқтаи назари муҳаққиқон оварда шудааст. Дар зербоби дуюми боби мазкур «Ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг», муаллиф назари хешро роҷеъ ба муносибатҳои фарҳангӣ оид ба забон баён карда, намудҳои гуногуни воҳидҳои забониро нишон додааст.

Дар зербоби сеюми боби якум "Усулҳои дифференсиалии таърифи консепт" масъалаи омӯзиш ва шарҳи консептҳо тавассути ақидаҳои мушаххаси муҳаққиқони соҳа таҳлил гардидааст.

Зербобҳои чорум ва панҷум ба масъалаи моҳияти тасвири ҷаҳон ва ташаккули забоншиносии когнитивии хориҷиву ватанӣ бахшида шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он масъалаҳои таҳқиқу пажӯҳиши шарҳи крнсептҳои мазкур баррасӣ мегарданд.

Дар зербоби якуми боби мазкур масъалаи таҳлили этимологии маҳумҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" таҳлил карда шудаанд. Муаллиф зикр мекунад, ки "таҳлили ҷузъи этимологии консептҳои тоҷикии "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" имкон медиҳанд, ки хусусияти ҳосилшавии номҳои консепт, сохти симметрии онҳо (асоси сифат+пасванди исми абстракт)" баён карда шаванд (саҳ. 62). Ҳамзамон, муаллиф дар ин фасл хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи консептхои мавриди назарро дар доираи забонҳои муқоисашаванда нишон додааст.

Зерфасли дуюми боби мазкур ба омӯзишу таҳлили шарҳи консепти "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, ба ғайр аз таърифҳои асосии консептҳо, олимон асосан ба сохтор ва семантикаи консептҳои алоҳида аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамоянд (саҳ.65). Ҳамзамон, дар зерфасли мазкур таҳлили муқоисавии этимологияи истилоҳоти мазкур дар забонҳои муқоисашаванда оварда шудааст. Дар зербоби

дигари боби дуюм масъалаҳои ифодаи маҷозии консептҳои мазкур нишон дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи “Фразеологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” бахшида шудааст. Дар зербобҳои боби сеюм муаллиф роҳу воситаҳои истифодаи воҳидҳои фразеологиро бо ҷузъи “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” бо мисолҳои мушаххас тавсиф намудааст. Масалан, ба андешаи муаллиф, муқоисаи мувофиқати номҳои консептҳои “бойигарӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба мо имкон медиҳад, ки як хусусияти хосро қайд кунем: мутобиқати сохтории лексемаҳои русӣ назар ба англисӣ гуногунтаранд, дар ҳоле ки аз ҷиҳати мутобиқати луғавӣ акси ҳол ба назар мерасад. Консепти “қашшоқӣ” дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати синтагматика метавонад тавассути таҳлили мувофиқат, пеш аз ҳама тавассути лексемаҳои “қашшоқ” ва “қашшоқӣ” омӯхта шавад (саҳ.104).

Дар зерфаслҳои дигари боби сеюми диссертатсия дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва сохторҳои когнитивии онҳо, идиомаҳо ҳамчун манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда, нақши консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикию англисӣ ва ҷараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар охири асри XX сухан меравад. Муаллиф чунин иброз мекунад, ки дар забонҳои мавриди назар “Саривақтии ин гуна таҳқиқот ба тамоюли муосири ҳамгироӣ вобаста аст, ки асосашро зарурати истифодаи маълумотҳо оид ба равандҳои когнитивӣ дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти дискурсивӣ, психо-, этно- ва сотсиолингвистика ташкил медиҳад” (саҳ. 129).

Ҳамин тариқ, ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳо ва натиҷагириҳои мушаххаси муҳаққиқ ба охир расидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаҳои дар нақшаи диссертатсия пешниҳодшуда баррасӣ гардидаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад,

муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти ҳудро ҷамъбаст намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онро нишон додааст.

Диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи таҳияи бобу зербобҳои диссертатсия тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, забоншиносии когнитивӣ, ҳамчунин, дар таҳияи дастурҳо ва роҳнамоҳои таълим аз фанни лексикология ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва автореферат аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муқаддимаи диссертатсия бояд дар асоси талаботи низомномаи таҳияи диссертатсияи номзадӣ ба роҳ монда мешуд;

2. Дар диссертатсия баъзе калимаҳое оварда шудаанд, ки шаклан нодурустанд ва ҳангоми тарҷума сунъӣ ба назар мерасанд. Хуб мешуд, калимаҳои мазкур аз шакли дурусти забони русӣ истифода шуда, ба забони тоҷикӣ тарҷума карда мешуданд: средневерхненемецского – олмонии миёнаболоӣ (саҳ. 63) ва ғайраҳо;

3. Диссертатсияи мазкур ба масъалаи инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда бошад ҳам, дар номи диссертатсия шакли англисии мафҳумҳои мазкур ифода нагардидаанд;

4. Баъзе ҷумлаҳои диссертатсия аз забони русӣ тарҷума шуда, сунъӣ ба назар мерасанд: “Аммо бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёд ба мавзуъ, он боз

ҳам паҳлуҳои навро кушода медиҳад, саволҳои марбут ба тамоюлҳои тағйирёбанда, арзёбии олами инсон пайдо мешаванд" (саҳ. 4-5);

5. Хуб мешуд иқтибосҳо тибқи стандарти нав ҷо ба ҷо карда мешуданд;

6. Дар автореферати диссертатсия, дар қисмати муқаддима таҳлили оморӣ оварда шудааст, аммо маводи мушаххас барои таҳлили оморӣ вуҷуд надоранд ва дар объекти диссертатсия низ нишон дода нашудааст;

7. Агар натиҷаҳои дар қисмати хулоса ба дастовардашуда гурӯҳбандӣ мешуданд, арзиши илмии диссертатсияро баланд мебардоштанд;

8. Ба андешаи мо, танзими феҳристи адабиёт аз доираи талаботи танзими диссертатсияи илмӣ дур рафтааст;

9. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои услубӣ, техникӣ, имлоӣ ва грамматикиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро онҳо камбудиҳои ҷузъӣ буда, ислоҳпазиранд ва дар корҳои минбаъда барои бартараф намудан тавсия дода мешаванд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро инъикос карда метавонад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ" – "қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021300 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” -10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” –нест.

«31» октябри 2023 с. Суратҷаласаи №3

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиб:** Сафарзода Руҳангези Акбар

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва Р.А. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳои ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

31.10.2023 с.